# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Тартиби пешбурди мушоҳидаи давлатии оморӣ аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори тиббӣ дар соҳаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил

Мутобиқи моддаи 155 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби пешбурди мушоҳидаи давлатии оморӣ аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори тиббӣ дар соҳаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои қарори мазкурро таъмин намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 26 феврали соли 2022, № 59

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26 феврали соли 2022, № 59

тасдиқ шудааст

# Тартиби пешбурди мушоҳидаи давлатии оморӣ аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори тиббӣ дар соҳаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил

1. Тартиби пешбурди мушоҳидаи давлатии оморӣ аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори тиббӣ дар соҳаи ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил муносибатҳои ба мушоҳидаи давлатии оморӣ дар самти ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил алоқамандро ба танзим медарорад.

2. Мушоҳидаи давлатии оморӣ оид ба паҳншавии бемории сил чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

- бақайдгирии ҳатмӣ, сабт ва назорати эътимоднокии натиҷаҳои чораҳои пешгирикунанда;

- ташхис, табобат ва назорати диспансерии беморони сил;

- бо тартиби муқарраргардида пешниҳоди маълумоти зарурӣ аз ҷониби марказҳои ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил (вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ) ба ташкилотҳои дахлдори масъули соҳаи тандурустии давлатӣ.

3. Пешбурди мушоҳидаи давлатии омории бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ нисбати инҳо ба роҳ монда мешавад:

- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ҳангоми бори аввал дар онҳо муайян гардидани сили фаъол;

- шахсони дорои сили ғайрифаъол тибқи гурӯҳҳои бақайдгирии диспансерӣ, баъди анҷоми табобати самарабахш;

- шахсони бо одамон ва ҳайвони гирифтори бемории сил алоқадошта;

- тифлоне, ки дар онҳо вобаста ба гузаронидани ваксинаи зиддисилӣ ориза пайдо гаштааст.

4. Марказҳои ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил нисбат ба ҳар як бемор (аз ҷумла шахси бе ҷои зисти муайян), ки ч дар ҳаёт бори аввал ба шакли фаъоли сил

мубтало шудааст, аз ҷумла баъд аз марг, хабарнома дар бораи бемори сил пур менамоянд.

5. Хабарнома дар бораи беморики сил дар муҳлати 3 рӯз ба маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии маҳали зисти бемор ва маркази вилоятии ҳимояи аҳолӣ аз беморики сил ирсол карда мешавад.

6. Ба ҳар як бемори сил (аз ҷумла бе ҷойи зисти муайян), ки дар он хориҷшавии микобактерияи сил собит гардидааст, хабарнома пур карда, дар давоми 12 соат ба маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии маҳалли зисти асосӣ, кор ва ё таҳсили бемор ирсол карда мешавад.

7. Ҳолатҳои фавти беморони сил мавриди қайд ва баҳисобгирӣ қарор дода мешавад.

8. Барои ҳар манбаи беморики сил хабарнома оид ба тадқиқи эпидемиологии манбаи беморики сироятӣ пур карда мешавад.

9. Шаклҳои хабарнома дар бораи беморики сил ва дастурамалҳо оид ба пур кардани онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи омори давлатӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда мешаванд.

10. Назорати эътимоднокии ташхиси беморики сил нисбат ба беморони бори аввал дарёфтшуда, ки дар асоси хулосаи комиссияи тиббию машваратӣ муайян шудааст, аз ҷониби марказҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятии ҳимояи аҳолӣ аз беморики сил анҷом дода мешавад.

11. Марказҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳимояи аҳолӣ аз беморики сил ҳар моҳ дар хусуси ҳолатҳои беморшавӣ ба сил ва фавт аз беморики сил бо Хадамоти давлатии назорати санитарию эпидемиологӣ мубодилаи маълумот менамоянд.